**Тақриз**

**ба автореферати Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзуи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)**

Мавзуи интихобшуда, таҳти унвони «**Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)**», яке аз мавзуъҳои мубрам ба ҳисоб рафта, дар шароити ҷаҳонишавии илми муосир самти таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои талаботи замон бахшида шудааст ва дар иртибот ба ин нукта, дар он муҳимияти ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавасути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика) дар маркази диққат қарор гирифтааст.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бахри фароҳам овардани шароит барои татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсилоти босифат, бунёди фазои мусоиди таълимӣ ва ҳамгироии он бо фазои ҷаҳонии таҳсилот нигаронида шудааст.

Ин иқдом дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос мегардад: «Айни замон дар кишвари мо соҳаи таҳсилоти олии касбӣ рушд намуда, сифати таълиму тарбия ва дараҷаи тайёр кардани мутахассисони касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ беҳтар шуда истодааст. Бо вуҷуди ин муаммоҳои соҳаи маориф чун яке аз мушкилоти ҳалталаб боқӣ мемонад. Баҳри таъмини ояндаи сазовори Тоҷикистон имрӯз мо бояд барои наврасон ва ҷавонони боистеъдод шароити зарурӣ фароҳам орем. Ҳамчунин мо бояд барои навоварони воқеӣ ва эҷодкорон тамоми шароитро муҳайё намоем, то онҳо имкони машғул шудан бо кори пурсамари илмӣ, эҷодӣ ва инноватсионӣ дошта бошанд».

Аҳамияти мавзӯи рисолаи номзадии мазкур аз зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷанбаи назариявии яке аз усулҳои таълими донишгоҳи олӣ, муносибати босалоҳият дар раванди таълими фанҳои математика ва физика бармеояд. Рисола натиҷаи таҳқиқоти мукаммали унвонҷӯро бозгӯй намудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар автореферати рисолаи номзадии Шарипова Ф.А. ҳадафи асосӣ ин масъалаи рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо дар таълими

муассисаҳои олии кишвар таълимӣ ҳалнашуда маҳсуб мегардад ва таҳқиқоти махсусро тақозо намуда, маҳз ҳамин аҳамияти рисолаи мазкурро инъикос кардааст ва сабаби интихоб намудаи мавзӯи мазкур «**Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)**»-ро шарҳ додааст.

Чӣ тавре, ки маълум аст, унвонҷӯ Шарипова Ф.А. бобҳоро дар алоҳидагӣ, мухтасар оварда, дар охир бо овардани нуктаи назари худ онҳоро ҷамъбаст намудааст. Дар феҳристи интишороти илмии унвонҷӯ вобаста ба рисолаи номзадӣ 28 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмие, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 дастури таълимӣ – методӣ бо забони русӣ дар мавзӯи “Физические основы понятия высшей математики и методика их изучения” нашр шуда, мазмуну мӯҳтавои рисолаи номзадиро дар бар мегирад.

Дар маҷмӯъ кори илмии унвонҷӯ Шарипова Ф.А. дар мавзӯъи «**Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)**» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
номзади илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Рафиев Сафархон Аюбович

**Маълумот дар бораи тамос:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Тел: +992 (83322) 2-05-07
Моб: (+ 992) 918 57 94 47 E-mail: safarkhon@mail.ru

«Имзои Рафиев С.А.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.